Ба Шурои диссертатсионии **6D.КОА-016**
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
(734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: **rektortau31@mail.ru, www.tajagroun.tj**)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзӯи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ**

Мавзуи интихобнамудаи муаллиф рӯзмарра буда, дар заминаи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтор ва мундариҷаи диссертатсия таҳия карда шудааст. Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, навгонии илмӣ, ҳадафу вазифаҳои кори илмӣ таҳқиқ гардида, бо истифода аз сарчашмаҳои илмии соҳавӣ аҳамияти таҳқиқот тавсиф гардидааст.

Унвонҷӯ дар раванди таҳқиқот таҳлил намудааст, ки дар ҷумҳурӣ соли 2023 ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ 3683,5 ҳазор гектарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2017 он 25,3 ҳазор гектар зиёд шудааст. Дар вилояти Суғд бошад, ҷамъи заминҳои истифодаи кишоварзӣ дар давраи таҳлилӣ 1,5 ҳазор гектар зиёд шудааст. Заминҳои истифодаи кишоварзии вилоят ба ҷамъи заминҳои кишоварзии мамлакат соли 2023 дар сатҳи 29,9% қарор дошт.

Бояд қайд кард, ки муаллиф тамоюли зиёдшавии майдони киштро дар вилояти Суғд таҳлил намуда, иброз намудааст, ки солҳои охир мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Сугд ба ташкили хоҷагиҳои нисбатан калон таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода истодааст, ки он ба талаботи сохтори ташкиливу технологии нав, яъне ташкили хоҷагиҳои

коллективии дар пояи истифодаи механизми интегратсияи кишоварзиву саноат ҷавобгӯ мебошад.

Муаллиф қайд кардааст, ки таъмин намудани ҳосилхезии минбаъдаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озӯқаворӣ бо беҳтар намудани ҳолати заминҳои чарогоҳҳо, ки ҳиссаи онҳо дар майдони умумии заминҳои минтақаҳо хеле баланд мебошад, алоқаманд аст. Дар натиҷаи рушди прогрессивии саноатӣ ва инноватсионӣ дар маҷмӯи ин низом аломатҳои хоси сохторӣ, сохтори ташкиливу технологии типи чорум ба вуҷуд меоянд, ки ҷорӣ намудани технологияи индустриалӣ, сарфаи захираҳо, таъмини иттилооти илмии ташкил ва идоракунии истеҳсолотро дар соҳаи кишоварзӣ дар бар мегирад.

Дар қисмати хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии он дарҷ карда шудаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ва норасогиҳо низ ба назар мерасанд, аз он ҷумла:

Беҳтар мегардид омилҳои хатарзо, ки ба рушди ин самт таъсирасон мебошанд, таҳлилу баррасӣ мегардиданд. Ҳамзамон, таҳлилҳо бо назардошти барномую стратегияҳои кишвар, аз ҷумла бо инобат гирифтани принсипҳои иқтисодиёти “сабз” равона гардонида мешуданд.

Камбудиҳои ҷойдошта ҷузъӣ буда, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд. Ҳамзамон вазифагузориҳо ва навгонии кор аз он шабоҳат медиҳад, ки диссертатсияи мазкур дар шароити имрӯз мубрам мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Исломзода Обид Олим дар мавзӯи «Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» нишон дод, ки он дорои арзиши илмию амалӣ буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он

созовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросанаотӣ, мебошад.

Тақриздиҳанда:
н.и.и. сардори Раёсати таҳлил ва
ояндабинии масъалаҳои макроиқтисодии
Маркази тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустамҷони С.Қ.

имзои Рустамҷони С.Қ.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои МТС назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қудратова С.Р.
05.08.2025с.

*734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*н. И.Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 89/, тел: 221-11-00* *www.mts.tj*